Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ич,рои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 ки Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2022, таҳти № 15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Мубрам будани мавзӯи диссертатсия. Давраи муҳимтарини ҳуқуқтатбиққунии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ таъини ҷазо мебошад, ки дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат амалӣ мегардад. Зимни суханронии худ дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ, санаи 21 ноябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид намудаанд: «Азбаски санадҳои қабулкардаи судҳо аз номи давлат

бароварда мешаванд, онҳо бояд ба тамоми талаботи қонунгузорӣ мувофиқат карда, барои барқарор гардидани адолат мусоидат намоянд».

Имрӯз масъалаи мубрамтарин дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ таҳияи усули аз ҳама бештар мусоид ва асосноки фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Дар ин самт аҳаммиятноктараш ошкор намудани доираи бо қонунгузорӣ муқарраршудаи салоҳдиди судҳо ба назар мерасад, ки ба хусусияти таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиққунии судҳо таъсир мерасонад.

Дар доираи самти ишорашуда аҳаммияти калонро принсипи фардикунонии ҷазо ҳангоми таъини ҷазо аз ҷониби суд дорад. Зимнан он ҳолатеро қайд намудан зарур аст, ки на ҳама вақт муқоисаи чунин нишондиҳандаҳо ба монанди шахсияти ҷинояткор ва ҷинояти мушаххас бо хавфи ҷамъиятии кирдор аз нигоҳи риояи принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва фардикунонӣ имконпазир аст.

Дар чунин ҳолатҳо барои татбиқи принсипҳои зикргардида ва ҳавасмандгардонии рафтори мусбати шахс пас аз содир намудани ҷиноят қонуни ҷиноятӣ қоидаи махсусро бо баромадан аз доираи ҷазоҳои дар санксияи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) нишондодашуда муқаррар сохтааст. Маҳз чунин қоидаро м. 63 КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд. Ин модда ҳамчун ифодагари принсипҳои адолат ва инсондӯстӣ, барои таъмини ҳадди ақали зарурӣ ва татбиқи сарфакоронаи ҷазо барои таъмини ноилшавии мақсадҳои ҷазо равона шудааст.

Аз рӯи маълумотҳои Суди Олии ҶТ дар соли 2016 нисбати 2012 нафар, дар соли 2017 – 1989, 2018 – 2006, 2019 – 1921, 2020 – 1706 нафар бо истифода аз м. 63 КҶ ҶТ ҷазои сабуктар таъин гаштааст.

Чунин татбиқи фаъоли м. 63 КҶ ҶТ ба андешаи муаллиф дар навбати аввал бо номукаммалӣ ва норавшании муқаррароти он сабаб шудааст, ки ин ба судҳо имкон медиҳад ҳама гуна ҳолатҳои сабуккунандаро мустасной тафсир намоянд.

Дар ин ҷо муносибати ягона ба муайян кардани асосҳо барои татбиқи моддаи 63 КҶ ҶТ, яъне ба муайян намудани ҳолатҳои сабуккунандаи

мустасноие, ки шахсиятро тавсиф менамоянд, ба истифодабарии тарзҳои сабук намудани ҷазо ва ғайра, низ мавҷуд нест.

Бо назардошти ҳолатҳои қайдгардида зарурати коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили м. 63 КҶ ҶТ ва таҷрибаи татбиқи он ба миён омадааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Баъди дар соли 1998 қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комплексӣ мебошад, ки ба масъалаи татбиқи қоидаҳои м. 63 КҶ ҶТ бахшида шудааст. Ғайр аз таҳлили ин модда, муаллиф ҳамчунин моддаҳои монандро дар КҶ давлатҳои пасошуравӣ бо назардошти тағйироту иловаҳои охирони ба ин қонунгузориҳо воридкардашуда, ки ба мавзуи таҳқиқот дахл доранд, мавриди омӯзиш қарор додааст.

Пешниҳодҳои дар диссертатсия иброзшуда имконият медиҳад, ки меъёри дар м. 63 КҶ ҶТ сабтшуда такмил дода шуда, фаъолияти судҳо дар самти мазкур бо роҳи ворид намудани иловаҳо ба қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба тартиб андохта шавад.

Муаллифи диссертатсия дуруст зикр мекунад, ки моҳияти ҳуқуқии фардикунондани ҷазо дар рафти муайян намудани намуди мушаххаси ҷазо, муҳлат ё андозаи аниқи он дар доираи муқаррар намудаи қонун бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳкор, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд ва дигар ҳолатҳо муайян карда мешавад, ки дар маҷмуъ бояд барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо мусоидат намоянд.

Критерияҳои фардикунонидани ҷазо ҳам дар қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ ва ҳам дар моддаҳои дигари КҶ ҶТ (қ. 6 м. 49, м.м. 64, 65, 66 ва 88 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд. Суд ҳангоми фардикунондани ҷазо ду меъёрро ба роҳбарӣ мегирад: а) фардикунондани ҷазо вобаста ба критерияи асосӣ дар доираи санксияи моддаи дахлдори КҶ ҶТ; б) фардикунондан бо назардошти критерияҳои махсус бо баромадан аз доираи санксияи моддаи қонунгузории ҷиноятии ҶТ. Илова бар ин ба ақидаи муаллифи диссертатсия ба сифати ҳолатҳои

мустасної ҳолатҳое эътироф мешаванд, ки ба ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳкорро низ хеле кам мекунанд. Ҷой доштани чунин ҳолатҳо ба амал намудани институти таъини ҷазо вобаста ба санксияи қисми махсуси КҶ ҶТ дар мувофиқа бо принсипҳои адолат ва инсондустӣ, ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо мусоидат менамоянд.(саҳ 6-8).

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар қ. 2 м. 61 ва қ. 3 м. 62 аломатҳои таркиби ҷиноят нодуруст ба сифати аломати ҷиноят номбар шудаанд. Бинобар он, пешниҳод карда мешавад, ки дар қ. 2 м. 61 ва қ. 3 м. 62 КҶ ҶТ ибораи «...ба сифати аломати ҷиноят...» бо ибораи «...ба сифати аломати таркиби ҷиноят...» иваз карда шаванд, чунки аломатҳои ҷиноят, ки дар қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ номбар шудаанд, аломатҳои таркиби ҷиноят нестанд ва ба номгӯи ҳолатҳои дар м.м. 61, 62 КҶ ҶТ пешбинишуда дохил карда шуда наметавонанд. Ба қ. 1 м. 63 иловаи зерин ворид карда шавад: «...ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ё шахсияти гунаҳкорро хеле кам мекунанд...», зеро рафтори шахси гунаҳкор пас аз содир намудани ҷиноят, танҳо аз кам гаштани хавфнокии худи шахсият, на ин ки ҷиноят дарак медиҳад. Зарурияти аз қисми 1 м. 63 КҶ ҶТ хориҷ намудани чунин асос – «мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ» ва ин асос дар қ. 2 м. 63 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «2. Ҳангоми мусоидати фаъоли иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор кардани он, ҷазо мумкин аст бо қоидаҳои моддаи мазкур таъин карда шавад». Зимнан қ. 2 м. 63 КҶ ҶТ ҳамчун қисми 3 дониста шавад.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Тахлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст бештари масъалаҳои вобаста ба мавзуи

таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон додааст, ки ин хадафи асосиашро ташкил медиҳад.

Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешавад, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои когнитивӣ, маводи дуруст интихобшуда бо назардошти мавзуи таҳқиқи диссертатсия ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифахои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани рисола муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро кор карда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ мурочиат кардааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конституцсияи ҶТ, КҶ ҶТ, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ба даст омадаанд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он метавонанд дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар масъалаҳои муайян намудани асосҳои татбиқи м. 63 КҶ мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои кор мумкин аст, дар коркарди минбаъдаи масъалаҳои таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, истифода шавад. Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар кор ҷойдошта мумкин аст, дар рафти такмилдиҳии минбаъдаи қонуни ҷиноятӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ хизмат намояд.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни омӯзиши курсҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва курси махсуси «Асосҳои таъини ҷазо», ҳангоми тайёр намудани маводи таълимӣ истифода шаванд.

Дар рисола пешниҳод карда мешавад, ки қ. 2 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2005, №1 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Муайян намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, тавассути омилҳои зерин муайян карда мешаванд: омилҳои объективӣ, яъне усул ва ҷойи содир намудани ҷиноят, оқибати ҷинояти содиршуда ва дигар ҳолатҳои муҳиме, ки содиршаваии ҷиноят ва ноил шудан ба натиҷаи онро осон мегардонанд». Инчунин, бояд шакли гуноҳ, намуди қасд ва беэҳтиётӣ, ангеза ва мақсади ҷинояти содиршуда ба назар гирифта шаванд. Бояд аз қисми 1 м. 63 КҶ ҶТ асос хориҷ карда шавад ва он дар қ. 2 м. 63 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шуда:

Бо мақсади татбиқи якхелаи м. 63 КҶ ҶТ, б. 9 қарори дар боло зикргардидаи Пленуми Суди Олии ҶТ муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба таври зайл баён карда шавад: «Таъини ҷазо мувофиқи м. 63 КҶ ҶТ дар як вақт аз ҳадди поёнии ҷазои асосии дар санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида ҷазои камтар таъин кардан ва таъин накардани ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст ё нисбат ба ҷазои асосии дар ин модда пешбинигардида ҷазои асосии сабуктар таъин намудан истисно намесозад».

Дар рисола пешниҳод мегардад, ки ба м. 63 КҶ ҶТ тағйироти зерин ворид карда шавад: «...мумкин аст аз ҳадди поёнии ҷазои асосии дар санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида ҷазои камтар таъин карда шавад, ё суд метавонад нисбат ба ҷазои асосии дар ин модда пешбинигардида ҷазои асосии сабуктар таъин намояд ё (ва) ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъин накунад».

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Оид ба муҳтавои диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидааст.

Қобили қайд аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Миралиев С.А. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи пешниҳод менамоем.

1. Дар пешниҳоди №2 муаллиф чунин менависад "Ба сифати ҳолатҳои мустасной ҳолатҳое эътироф мешаванд, ки ба ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳкорро низ хеле кам мекунанд. Ҷой доштани чунин ҳолатҳо ба амал намудани институти таъини ҷазо вобаста ба санксияи қисми махсуси КҶ ҶТ дар мувофиқа бо принсипҳои адолат ва инсондустӣ, ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо мусоидат менамоянд". Чунин навгонии муаллиф бо чунин асосҳо номукаммал мебошад: 1) сухан дар ҳолатҳои мустасноий кадом падида меравад маълум нест; 2) "амал намудани институти таъини ҷазо вобаста ба санксияи қисми махсуси КҶ ҶТ" – чунин навиштаи муаллиф шарҳи иловагиро талаб менамояд. (саҳ.9).

2. Ҳангоми таҳлили намуди зербоби якуми боби якуми диссертатсия муаллиф диққати асосиро ба дигар масъалаҳо, аз ҷумла ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо, фардикунонидани ҷазо ва ғайраҳо додааст, ки ин масъалаҳои берун аз мавзӯи таҳқиқотии муаллиф мебошанд. Хуб мешуд дар зербоби мазкур диққати асосӣ маҳз ба масъалаи таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, дода мешуд. (саҳ.16).

Дар маҷмӯъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи институти таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст бо забони давлатӣ, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва асарро ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҳқиқ намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Тақриз мутобиқи бандҳои 71-72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Қисмати хотимавии тақриз ва сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ. Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи номзади илмӣ ба талаботҳои бандҳои 31,33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи **Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзӯи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)»** ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанд,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика
ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Қурбонзода Б.Ш.**

Имзои Қурбонзода Б.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории
прокуратураи вилояти Суғд,
мушовири адлияи дараҷаи 1 **Почомулло М.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муқарриз:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735714
Суроға: вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 34,
Прокуратураи вилояти Суғд
Тел. корӣ: (83422) 5-25-26
E-mail: prokuratura.sugd@mail.ru

13.01.2023